# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи «Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гардидааст.**

Пажуҳиши истилоҳоти соҳаҳои гуногун сабаб мегардад, ки рушди истилоҳ ва мафҳумҳои он муайян карда шуда, хусусият, усул ва воситаҳои асосии сохтану интихоби истилоҳоти нав дар соҳаи мазкур муайян карда шавад.

Аз пажуҳишҳои анҷомшуда дар забоншиносии муосири тоҷик бармеояд, ки таваҷҷуҳ ба таҳлили маъноию сохтории истилоҳоти соҳавӣ бештар гардидааст, ки тақозои замон мебошад.

Дору ва дорусозӣ як бахши меҳвариву таркибии тиб буда, истилоҳоти ин соҳа ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳи забоншиносон қарор дорад. Таҳлилҳо баёнгари он ҳастанд, ки дар шароити кунунӣ, муҳаққиқони тоҷик дар самти пажуҳиши масъалаҳои мухталифи тиб таҷрибаи муайян андӯхтаанд ва дар таҳқиқотҳои алоҳида, хусусиятҳои рушди истилоҳоти тиббӣ, ҳамгунсозии истилоҳоти соҳаи мазкур ва корбурди истилоҳоти тиббиро дар адабиёти соҳавӣ инъикос кардаанд.

Мавриди зикр хос аст, ки дорусозӣ яке аз соҳаҳои муҳимми тиб ба ҳисоб меравад, ки дорои низоми муайяни истилоҳотии худ мебошад. Яке аз масъалаҳои муҳим дар ин самт баррасии истилоҳоти дорусозӣ ҳамчун қисми алоҳидаи тиб муҳим ва саривақтӣ аст.

Диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи «Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ», ба яке аз масъалаҳои муҳимми истилоҳшиносӣ дар забони тоҷикӣ бахшида шудааст.

Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки муқаддимаи он тибқи талабот тадвин шуда, аз се бахш: Мубрамии мавзуи таҳқиқ; Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ; Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ иборат мебошад.

Диссертант дар ин бахшҳо мавзуъ ва муҳиммияти омӯзиши он, дараҷаи таҳқиқ, омилҳои то имрӯз анҷом нашудани корҳои диссертатсионӣ дар ин самт ва дигар масъалаҳоро баррасӣ намудааст. Инчунин дар қисмҳои Тавсифи умумии таҳқиқ, Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, Қисми асосии таҳқиқ ва Хулоса хусусиятҳои таҳқиқ, навгониҳо ва натиҷаҳои кори илмӣ қаламдод шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» ном дошта, аз 3 фасл таркиб ёфтааст.

Диссертант дар ин боб назарияҳои навини истилоҳ ва истилоҳшиносӣ, таърихи ташаккули истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои муқоисашаванда ва марҳилаҳои ташаккули истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавиро баррасӣ намуда, раванди ташаккули онро бозтоб намудааст.

Боби дуюми диссертатсияи мазкур «Таҳлили сохтории истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» унвон дошта, аз 7 фасл иборат мебошад. Дар ин боб, меъёрҳои интихоби истилоҳсозии дорусозӣ усулҳои асосии сохтнаи истилоҳоти дорусозӣ, хусусиятҳои сохтории истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ ва гуруҳбандии истилоҳоти маводи доруворӣ баррасӣ шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Таҳлили маъноӣ ва таснифоти истилоҳоти дорусозӣ аз нигоҳи мансубияти забонӣ» ном дошта, аз ду фасли асосӣ иборат мебошад. Дар ин боб диссертант нақши луғатномаҳо дар ташаккули истилоҳоти дорусозӣ, ҷойгоҳи истилоҳоти иқтибосии дорусозӣ дар ташаккули истилоҳоти дорусозии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ ва вижагиҳои истилоҳи онҳоро таҳлилу таҳқиқ кардааст.

Сафарзода О. И. дар раванди пажӯҳиш маводи хеле зиёд ва арзишманде доир ба истилоҳоти дорусозӣ гирд оварда, андешаҳои хешро низ дар хусуси паҳлуҳои муҳимми истилоҳсозӣ ва истилоҳгузинӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ бо таҳлилҳои илмӣ баён намудааст.

Ҷанбаи илмии автореферат қавӣ буда, муаллиф барои таълифи пажуҳиши мазкур бевосита бо сарчашмаи аслӣ ва муътамад кор кардааст.

Автореферати диссертатсия бо забони хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки муаллифи он тамоми хусусиятҳои объекти пажуҳишро омӯхта, заҳмати зиёде кашидааст, то дар мавзуи интихобкардааш таҳқиқи илмии судманде анҷом диҳад.

Дар автореферати диссертатсияи Сафарзода О. И. дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ баъзе норасоиҳо ҷой доранд, ки ба андешаи мо ислоҳи онҳо кори илмиро комилтар месозад. Аз ҷумла:

1. Дар қисмати **Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда** ба ҷойи вожаи «саҳми» истифодаи калимаи «мавқеи» дурусттару саҳеҳтар аст, зеро саҳм ба шахс мутталиқ аст, на предмет;

2. Бахши **Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ каме** такмил мехоҳад, то мавқеи диссертант ошкор карда шавад.

3. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 10,13,12,26) ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи довталабти дараҷаи илмӣ хоҳад буд.

Албатта, ин навъ нуқсонҳо хусусияти ҷузъӣ дошта, ба ҳеҷ сурат арзиш ва аҳаммияти илмию амалии пажуҳишро ноқис намекунад.

Мазмун ва муҳтавои фишурдаи таҳқиқ, ки бо 3 забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таълиф гардидааст ба ҳамдигар мувофиқат дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ 7-то мебошанд, пурра инъикос мекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи «Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ», ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, ректори Муассисаи давлатии таълимии
«Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати
Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода» Назарзода Маҳмуд Мирзо

Нишонӣ: 734033, Ҷумҳурии Тоҷикистон,,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Бофанда 5, ҳуҷраи 59.
Тел:+992 918-65-76-95.
Email:nazarov.mn@mail.ru
«04» июни 2025
«Имзои **Маҳмуд Мирзо Назарзодаро тасдиқ мекунам**»:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва
Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода» Ҳамидова Заррина

Нишонии муассиса:
734033, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, Борбад 73 а
Тамос: (+992) 907-81-90-91.
Email:.tajartins@yandex.ru
«04» июни 2025